| Публичный Договор о предоставлении услуг электрической связи | Шартномаи оммавӣ оид ба хизматрасонии алоқаи барқӣ |
|---|---|
| **Общество с ограниченной ответственностью «ТАКОМ», далее — Оператор, и Абонент заключили настоящий Публичный Договор об оказании услуг электрической связи (далее — Договор).** | **Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТАКОМ», минбаъд —Оператор ва Муштарӣ Шартномаи оммавии мазкурро оид ба хизматрасонии алоқаи барқӣ (минбаъд — Шартнома) бастанд.** |
| **1. Предмет. Общие Положения**<br>1.1. Условия Публичного Договора о предоставлении услуг электрической связи разработаны в соответствии с действующим законодательством, и регулируют отношения между Абонентом и Оператором по оказанию услуг электрической связи на территории Республики Таджикистан. | **1. Мавзуъ. Муқаррароти умумӣ**<br>1.1. Шартҳои Шартномаи оммавӣ оид ба хизматрасонии алоқаи барқӣ мувофиқи қонунгузории амалкунанда кор карда баромада шудаанд ва муносибатҳои байни Муштарӣ ва Операторро оиди хизматрасонии алоқаи барқӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медароранд. |
| 1.2. Для целей настоящего Договора применяются следующие термины: | 1.2. Барои мақсадҳои Шартномаи мазкур истилоҳҳои зерин мавриди истифода қарор мегиранд: |
| **Тарифный план** — утверждаемый Оператором перечень тарифов, соответствующих определенному набору услуг. | **Нақшаи тарифӣ/тарофавӣ** — номгӯи тарифҳои/ тарофаҳои аз тарафи Оператор тасдиқгардидае, ки ба миқдори муайяни хизматҳо мувофиқат мекунад. |
| **Техническая возможность предоставления доступа к сети связи** — наличие свободных номеров абонентской емкости и/или каналов связи, в том числе радиоканалов с учетом выделенного частотного ресурса. | **Имконияти техникии додани дастрасӣ ба шабакаи алоқа** — мавҷуд будани рақамҳои озод дар ҳаҷми рақамӣ ва/ё каналҳои алоқа, аз ҷумла радиоканалҳо бо назардошти захираи басомадии ҷудошуда. |
| **«Условная сумма»** — выраженный в денежном эквиваленте объем прав Абонента на получение Услуг. | **«Маблағи шартӣ»** — ҳаҷми ҳуқуқҳои Муштарӣ барои гирифтани Хизматҳо, ки дар эквиваленти пулӣ арзёбӣ шудааст. |
| **Услуга связи (Услуги)** — деятельность по приему, обработке, хранению, передаче, доставке сообщений электросвязи. Под услугами связи в рамках настоящего Договора понимаются услуги подвижной радиотелефонной связи и дополнительные услуги, оказываемые в сети подвижной связи, телематические услуги связи, услуги передачи данных, оказываемые Оператором Абонентам в соответствии с условиями выданных лицензий; | **Хизмати алоқа (Хизматҳо)** – фаъолият оид ба қабул, аз нав кор карда баромадан, нигоҳдорӣ, интиқол ва оварда расондани маълумоти алоқаи барқӣ. Дар зери мафҳуми хизмати алоқа дар доираи Шартномаи мазкур хизматҳои алоқаи мутаҳаррики радиотелефонӣ ва хизматҳои иловагие фаҳмида мешаванд, ки дар шабакаи алоқаи мутаҳаррик мавҷуданд, ҳамчунин хизматҳои алоқаи телематикӣ, хизматҳои интиқоли маълумоте, ки аз тарафи Оператор ба Муштариён тибқи шартҳои иҷозатномаҳои додашуда расонида мешаванд; |
| **«Электронный» счет** — электронный файл в автоматизированной системе расчетов Оператора, содержащий информацию об «условной сумме». | **Ҳисоби «электронӣ»** — файли электронӣ дар низоми автоматикунондашудаи ҳисобикуниҳои Оператор, ки дорои маълумот оид ба «маблағи шартӣ» мебошад. |
| **Пункт приема платежей или ППП** — территория, на которой Оператор, в том числе через своих субагентов, осуществляет прием платежей в том числе с использованием pos-терминалов (специализированных кассовых устройств типа Point Of Sale), автоматов | **Нуқтаи қабули пардохтҳо ва ё НҚП -** ҳудуд, ки дар он Оператор, аз ҷумла ба воситаи субагентҳои худ, қабули пардохтҳоро аз ҷумла бо истифодаи pos-терминалҳо (дастгоҳҳои махсуси хазинавии навъи Point Of Sale), автоматҳои худхизматрасонӣ (дастгоҳҳои |

| | |
|---|---|
| самообслуживания (специализированных автоматов по приему платежей), а также область пространства сети Интернет. | махсуси қабули пардохтҳо), ҳамчунин дар доираи фазои шабакаи Интернет ба амал мебарорад. |
| **«Единица тарификации»** — оплачиваемая единица продолжительности соединения, количества запросов и Услуг, количества или объёма переданной (полученной) информации, определяемая Тарифным планом Абонента. | **«Воҳиди нархгузорӣ»** — воҳиди пардохтшавандаи давомнокии пайвастшавӣ, шумораи дархостҳо ва Хизматҳо, шумора ё ҳаҷми маълумоти ирсолшуда (қабулшуда), ки тавассути Нархномаи Муштарӣ муайян карда мешавад. |
| 1.3. Услуги оказываются на основании Договора, заключаемого между Оператором и Абонентом. Права и обязанности сторон Договора не могут передаваться другим лицам иначе как в порядке, установленном законом или Договором. Оператор вправе привлекать для осуществления своей деятельности другие юридические и физические лица в соответствии с действующим законодательством Республики Таджикистан. | 1.3. Хизматрасонӣ дар асоси Шартнома, ки байни Оператор ва Муштарӣ баста мешавад, сурат мегирад. Ҳуқуқу вазифаҳои тарафҳои Шартнома ба шахсони дигар, ба ғайр аз тартиботе, ки дар қонун ё Шартнома зикр ёфтаанд, интиқол ёфта наметавонанд. Оператор барои амалӣ намудани фаъолияти худ метавонад мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони дигари воқеӣ ва ҳуқуқиро ҷалб намояд. |
| 1.4. Условия Договора устанавливаются Оператором самостоятельно в соответствии с действующим законодательством Республики Таджикистан и выданной лицензией. | 1.4. Шартҳои Шартнома аз тарафи Оператор мустақилона мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷозатномаи додашуда, муайян карда мешаванд. |
| 1.5. В случае, если очередной платеж не поступит на счет Оператора в сроки, установленные настоящим Договором, Стороны понимают это как предложение Абонента расторгнуть настоящий Договор, и Оператор вправе принять данное предложение и расторгнуть Договор, что будет являться расторжением договора по соглашению Сторон. При наличии задолженности по Договору, обязательства по ее выплате сохраняются за Абонентом до момента его исполнения. | 1.5. Дар сурате, ки агар пардохти навбатӣ ба суратҳисоби Оператор дар мӯҳлатҳои аз тарафи Шартномаи мазкур муайянгардида ворид нашавад, Тарафҳо инро ҳамчун таклифи Муштарӣ барои бекор кардани Шартнома маънидод карда, Оператор ҳуқуқ дорад таклифи мазкурро қабул намояд ва ин амал хамчун бекоршавии Шартнома дар асоси розигии тарафҳо маҳсуб меёбад. Дар сурати аз рӯи Шартнома мавҷуд будани қарз, ӯҳдадориҳои оид ба пардохти он то лаҳзаи иҷроиш ба зиммаи Муштарӣ боқӣ мемонад. |
| **2. Порядок и условия заключения Договора и подключения дополнительных услуг** | **2. Тартиб ва шартҳои бастани Шартнома ва пайвасткунии хизматҳои иловагӣ** |
| 2.1. Условия настоящего Договора определены Оператором и могуть быть приняты Абонентом не иначе, как присоединением к предложенному Договору в целом, путем заполнения и подписания типовой формы. Настоящий Договор вступает в силу с момента подписания Сторонами и действует на неопределенный срок. | 2.1. Шартҳои Шартномаи мазкур аз ҷониби Оператор муайян карда мешаванд ва онҳоро Муштарӣ танҳо бо пурра ҳамроҳ шудан ба Шартномаи пешниҳодгардида қабул карда метавонад, бо роҳи пур кардан ва имзо намудани шакл. Шартномаи мазкур аз лахзаи имзо намудани Тарафхо эътибор пайдо намуда, ба мухлати номуайян амал менамояд. |
| 2.2. Настоящий Договор является публичным договором. | 2.2. Шартномаи мазкур шартномаи оммавӣ аст. |
| 2.3. Оператор вправе: | 2.3. Оператор ҳуқуқ дорад: |
| 1) отказать в заключении Договора или в предоставлении услуг по Договору:<br>- при отсутствии технической возможности предоставления доступа к сети Оператора; | 1) дар бастани Шартнома ва ё хизматрасонӣ аз рӯи Шартнома дар ҳолатҳои зерин рад кунад:<br>- ҳангоми набудани имконияти техникии додани дастрасӣ ба шабакаи Оператор; |

| | |
|---|---|
| - при отсутствии технической возможности оказания запрашиваемых Абонентом Услуг;<br>- в случае не предоставления документов, требуемых Оператором;<br>- в иных случаях, предусмотренных действующим законодательством Республики Таджикистан. | - ҳангоми набудани имконияти техникии дастрас намудани хизмати аз тарафи Муштарӣ талаб кардашуда;<br>- ҳангоми пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои аз тарафи Оператор талаб кардашуда;<br>-дар дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст. |
| 2) отказать в предоставлении услуг при наличии у Оператора сведений об имеющейся у обратившегося лица задолженности за оказанные Услуги связи по другим договорам. | 2) ҳангоми дар Оператор мавҷуд будани маълумот оиди қарздор будани шахси муроҷиаткарда барои Хизматхои расондашуда тибки шартномаҳои дигар, пешниходи хизматрасониро рад кунад. |
| 2.4. Абонент вправе расторгнуть настоящий Договор в одностороннем порядке, письменно предупредив об этом Оператора не менее чем за 5 (пять) дней до предполагаемой даты расторжения и произведя с ним все расчеты.<br>При этом Абонент возмещает Оператору все понесенные Оператором расходы. Обязательство оплатить оказанные услуги, а также расходы Оператора, сохраняются у Абонента до момента полного исполнения, вне зависимости от момента расторжения договора. | 2.4. Муштарӣ ҳуқуқ дорад ба тартиби яктарафа шартномаро бо роҳи огоҳии хаттӣ ба Оператор на камтар аз 5 (панҷ) рӯз пеш аз санаи фарзшуда ва пас аз анҷом додани ҳамаи пардохтҳо катъ кунад.<br>Дар ин маврид Муштарӣ ба Оператор ҳамаи хароҷотҳое, ки Оператор бурдааст, пардохт мекунад. Ӯҳдадорӣ оид ба пардохти хизматҳои расонидашуда, ҳамчунин хароҷоти Оператор то лаҳзаи иҷрои пурраи он, новобаста аз лахзаи қатъшавии шартнома ба зиммаи Муштарӣ гузошта мешавад. |
| 2.5. При расторжении Договора плата за подключение радиотелефона к сети Абоненту не возвращается.<br>«Условная сумма», оставшаяся на «Электронном» счете абонента на момент расторжения возвращаются Оператором Абоненту по письменному заявлению Абонента. Не подлежат возврату зачисленные Оператором на лицевой счет абонента поощрительные денежные средства (бонусы, баллы, призы и т.д.), а также суммы, поступившие на лицевой счет в результате противоправных действий Абонента. | 2.5. Дар вақти бекор кардани шартнома пардохти пайвасткунии радиотелефон ба шабака ба Муштарӣ баргардонида намешавад.<br>«Маблағи шартие», ки дар Ҳисоби «Электронии» Муштарӣ дар лаҳзаи қатъшавии шартнома мавҷуд аст, дар асоси аризаи хаттии Муштарӣ аз ҷониби Оператор баргардонида мешавад. Маблағҳои пулии ҳавасмандкунанда (бонусҳо, баллҳо, мукофотҳо ва ғайра), ки ба Ҳисоби шахсии Муштарӣ аз ҷониби Оператор гузаронда шудаанд, инчунин маблағҳои пулие, ки дар натиҷаи содир кардани ҳаракатҳои ғайриқонунии Муштарӣ гузаронда шудаанд, баргардонида намешаванд. |
| 2.6. Дополнительные услуги и иные услуги, технологически неразрывно связанных с услугами подвижной связи и направленные на повышение их потребительской ценности (далее дополнительные услуги), оказываются Оператором или третьими лицами, имеющими право на оказание соответствующих услуг, и оплачиваются Абонентом в порядке, предусмотренном настоящим Договором, договором с третьим лицом и порядком предоставления и оплаты соответствующих услуг. | 2.6. Хизматҳои иловагӣ ва дигар хизматрасониҳо, ки аз ҷиҳати технологӣ бо хизматрасониҳои алоқаи мутаҳаррик алоқамананд ва ба баланд бардоштани қимати харидории онҳо равона шудаанд (минбаъд - хизматҳои иловагӣ), аз тарафи Оператор ва ё шахсони сеюм, ки ҳуқуқи расондани хизматҳои дахлдорро доранд, расонида мешаванд ва аз тарафи Муштарӣ бо тартиби бо Шартномаи мазкур, шартномаи бо шахси сеюм басташуда ва тартиби дастраснамоӣ ва пардохти хизматхои дахлдор пешбинишуда, пардохт карда мешаванд. |
| 2.6.1. Информация о дополнительных услугах | 2.6.1. Маълумот оиди хизматҳои иловагӣ аз |

| | |
|---|---|
| размещается Оператором или третьими лицами в виде публичной оферты в Интернете на сайтах Оператора или третьих лиц, или в рекламных материалах о данных услугах. Предложение может доводиться до Абонента в качестве предложения делать оферту. | тарафи Оператор ва ё шахсони сеюм дар шакли офертаи оммавӣ дар Интернет ва сайтҳои Оператор ё шахсони сеюм, ё дар маводҳои рекламавӣ оид ба ин хизматрасониҳо ҷойгир карда мешаванд. Таклифи мазкур ба диққати Муштарӣ дар шакли таклифи кардани оферта расонида шуда метавонад. |
| 2.6.2. Абонент, заказывая дополнительную услугу по данному номеру доступа, соглашается с правилами оказания дополнительных услуг и правилами их тарификации и выражает согласие получить данные услуги и их оплатить. Абонент также соглашается на ограничение Оператором доступа для услуг по передаче данных при достижении Абонентом установленного Оператором порога потребления такого вида услуг. | 2.6.2. Муштарӣ ҳангоми фармоиш додани хизматрасонии иловаги бо рақами дастрасии мазкур, бо қоидаҳои хизматрасонии иловагӣ ва тарофабандии онҳо розӣ мешавад ва оиди гирифтани ин хизматҳо ва пардохти онҳо розигии худро баён мекунад. Муштарӣ инчунин розигии худро ба он медиҳад, ки Оператор ҳуқуқ дорад дастрасиро ба хизматрасонии интиқоли маълумот маҳдуд кунад, агар Муштарӣ аз ҳадди бо Оператор муайяннамудаи истифодаи чунин хизматрасонӣ гузарад. |
| 2.6.3. Стоимость дополнительных услуг оплачивается Абонентом в соответствии с выбранной системой расчетов, если иной порядок не предусмотрен правилами оказания дополнительных услуг. | 2.6.3. Нархи хизматрасонии иловагӣ аз тарафи Муштарӣ мувофиқи тартиботи пардохткунии интихобкарда пардохт мешавад, ба шарте, агар тартиби дигаре бо қоидаҳои дастраскунии хизматҳои иловагӣ пешбинӣ нашуда бошад. |
| **3. Обязанности и права Оператора:** | **3. Ӯҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои Оператор:** |
| 3.1. Оператор обязан: | 3.1. Оператор ӯҳдадор аст: |
| 1) предоставить Абоненту в пользование на период оказания Услуг телефонный номер; | 1) ба Муштарӣ барои истифода дар давраи Хизматрасонӣ рақами телефонӣ ҷудо намояд; |
| 2) оказывать Абоненту, при его нахождении в зоне обслуживания сети (качество связи, предоставляемой Оператором в зоне обслуживания сети, соответствует действующим в РТ стандартам и техническим нормам) услуги связи, на оказание которых Оператору связи выдана лицензия, а также предоставлять Абоненту услуги связи в соответствии с лицензионными условиями, предусмотренными в выданной Оператору связи лицензии; | 2) ҳангоми будани Муштарӣ дар ҳудуди хизматрасонии шабака (сифати алоқаи аз тарафи Оператор дар ҳудуди хизматрасонии шабака пешниҳодшаванда ба стандартҳои ҶТ ва меъёрҳои техникӣ мувофиқат мекунад) хизмати алоқае, ки барои дастрас намудани он ба ин оператори алоқа иҷозатнома дода шудааст, ба муштари дастрас намояд ва хизмати алоқаро ба муштарӣ мувофиқи шартҳои иҷозатномавие, ки бо иҷозатномаи ба Оператори алоқа додашуда пешбинӣ шудааст, дастрас намояд; |
| 3) предоставлять необходимую для заключения и исполнения Договора информацию; | 3) маълумоте, ки барои бастан ва иҷроиши шартнома зарур аст, пешкаш кунад; |
| 4) обеспечивать возможность круглосуточного бесплатного вызова Абонентом экстренных и аварийных служб (101, 102, 103, 104); | 4) имконияти даъвати шабонарӯзии бепулро аз тарафи Муштарӣ ба хадамотҳои садамавӣ (101, 102, 103, 104) таъмин намояд; |
| 5) доставлять (начиная со следующего расчетного периода) Абоненту счета за Услуги по почтовому или электронному адресу доставки (далее - Адрес доставки), указанному Абонентом в настоящем Договоре, если такая услуга предусмотрена выбранным Абонентом системой расчетов и тарифным планом или иным способом, согласованным сторонами по тарифам Оператора. | 5) ба Муштарӣ (аз давраи ҳисоботии оянда сар карда) ҳисобномаҳоро барои Хизматрасонӣ ба суроғаи почтавӣ ё электронии қайдшуда (минбаъд – Суроғаи номарасонӣ), ки аз тарафи Муштарӣ дар Шартномаи мазкур нишон дода шудаанд ва агар ин навъи хизматрасонӣ дар тартиботи пардохткунии интихобкардаи Муштарӣ ва нақшаи тарофавӣ пешбинӣ шуда бошад ва ё бо ягон тарзи дигар, ки онро тарафҳо аз рӯи тарофаҳои Оператор мувофиқа |

| | |
|---|---|
| | намудаанд, расонад. |
| 3.2. Оператор вправе: | 3.2. Оператор ҳуқуқ дорад: |
| 1) вносить изменения в условия Договора, используемый Абонентом тариф на услуги связи, а также вправе прекращать оказание отдельных платных услуг связи путем отправки SMS-сообщений или размещения соответствующей информации на сайте Оператора в сети Интернет: www.zet-mobile.tj / www.zet-mobile.com, или публикаций в средствах массовой информации, или другими способами. О введении вышеуказанных изменений Оператор извещает Абонента не менее чем за 10 (десять) календарных дней до вступления в силу соответствующих изменений. При этом, если в течение 10 (десяти) дней с даты получения Абонентом указанного сообщения или размещения соответствующей информации/ публикации, Оператор не получит письменный полный либо частичный отказ Абонента от принятия таких изменений, равно как и не использование в этом случае Абонентом своих прав, предусмотренных в п. 2.4. Договора означает согласие Абонента с указанными изменениями; | 1) бо роҳи ба Муштарӣ фиристодани огоҳиҳои мувофиқ бо роҳи SMS-маълумот ва ё ҷойгир кардани маълумоти дахлдор дар сайти Оператор дар шабакаи Интернет www.zet-mobile.tj / www.zet-mobile.com, бо роҳи нашр дар воситаҳои ахбори омма, ва ё бо роҳҳои дигар, тағйиротҳоро ба шартҳои Шартнома, тарифи истифодашуда истодаи Муштари ворид кунад, инчунин расонидани хизматҳои алоҳидаи пулакиро қатъ намояд. Оиди ворид кардани тағйиротҳои номубрда Оператор на дертар аз 10 (даҳ) рузи тақвимӣ пеш аз ба қувваи амал даромадани тағйиротҳои номбурда Муштариро огоҳ менамояд. Дар ин маврид, агар дар давоми 10 (даҳ) рӯз аз санаи чунин маълумотро гирифтани Муштарӣ ё нашри/ иттилоияи дахлдорро ҷойгир кардан, Оператор ба таври хаттӣ огоҳии пурра ё кисман даст кашидани Муштариро аз қабули чунин тағйирот нагирад ва Муштарӣ дар ин ҳолат аз ҳуқуқҳои худ, ки дар банди 2.4. Шартнома оварда шудаанд, истифода набарад, он гоҳ ин маънои онро дорад, ки Муштарӣ бо чунин тағйиротҳо розӣ аст; |
| 2) приостановить оказание Услуг в сети, в случае достижения Абонентом порога отключения или нарушения Абонентом условий Договора; | 2) дар ҳолати аз тарафи Муштарӣ расидан ба ҳадди хизматрасонӣ, ё аз тарафи Муштарӣ вайрон кардани шартҳои Шартнома, Хизматрасониро дар шабака боздорад; |
| 3) при наличии у Абонента нескольких телефонных номеров, подключенных к сети, Оператор вправе списать денежные средства, полученные в оплату услуг по другим телефонным номерам, или отключить все телефонные номера при нарушении Абонентом условий настоящего Договора хотя бы по одному из телефонных номеров; | 3) ҳангоми дар дасти Муштарӣ мавҷуд будани якчанд рақами телефонии дар як вақт ба шабака пайвастшуда, агар ақаллан бо яке аз рақамҳои мавҷуда аз тарафи Муштарӣ шартҳои Шартномаи мазкур вайрон карда шаванд, Оператор ҳуқуқ дорад, ки маблағҳои пулиро, ки ҳамчун пардохти хизматрасонии рақамҳои дигари телефонӣ ба даст оварда шуда буданд, соқит кунад ва ё ҳамаи рақамҳои телефониро хомӯш намояд; |
| 4) изменять в одностороннем порядке избирательный номер, предоставленный Абоненту, предварительно уведомив Абонента не менее чем за 60 дней до указанного изменения, кроме случаев, когда замена вызвана непредвиденными или чрезвычайными обстоятельствами; | 4) ба тариқи яктарафа рақами интихобиро, ки ба Муштарӣ дода шудааст, тағйир диҳад, бо шарти Муштариро на дертар аз 60 рӯз пеш аз тағйироти нишондодашуда, ғайр аз ҳолатҳое, ки ин тағйирот бо сабабҳои ғайричашмдошт ё фавқулодда ба амал омадаанд, огоҳ намояд; |
| 5) при согласии Абонента любые сведения, содержащиеся в учетных данных Абонента, а также в затребованных Оператором документах, могут быть в любое время проверены Оператором, непосредственно или с помощью третьих лиц. В случае несогласия Абонента с | 5) бо розигии Муштарӣ маълумоти дилхоҳе, ки дар сабтҳои бақайдгирии Муштарӣ дарҷ гардидаанд ва дар ҳуҷҷатҳои талабнамудаи Оператор нишон дода шудаанд, метавонанд бевосита аз тарафи Оператор ва ё бо ёрии шахсони сеюм санҷида шаванд. Дар ҳолати |

| | |
|---|---|
| предоставлением информации Оператором третьим лицам Оператор вправе затребовать с Абонента дополнительные документы, необходимые для проверки соответствия Абонента условиям оказания данного вида услуг. Оператор вправе не предоставлять Услуги до предоставления Абонентом всех необходимых документов или предоставлять только базовые услуги связи (установление соединения по сети Оператора без предоставления доступа к услугам других операторов или третьих лиц); | оиди ба шахсони сеюм додани маълумот норозӣ будани Муштарӣ, Оператор ҳуқуқ дорад, ки аз Муштарӣ ҳуҷҷатҳои иловагие, ки барои тафтиши мувофиқати Муштарӣ ба расондани ин навъи хизматрасонӣ лозиманд, талаб намояд. Оператор метавонад то аз тарафи Муштарӣ пурра пешниҳод шудани ҳуҷҷатҳои лозима хизматрасониро ба таъхир гузорад ё танҳо хизматҳои асосии алоқаро (пайвастшавӣ дар шабакаи Оператор бе дода шудани дастрасӣ ба хизматрасонии операторони дигар ва ё шахсони сеюм) таъмин кунад; |
| 6) в случае неоплаты Абонентом Услуг, предусмотренных настоящим Договором, предпринять предусмотренные законодательством РТ меры по взысканию с Абонента суммы невыполненных обязательств и убытков. Оператор вправе привлекать к взысканию задолженности третьих лиц, при этом предоставление данным третьим лицам информации, необходимой для взыскания задолженности не является нарушением положений настоящего Договора и действующего законодательства РТ о раскрытии тайны связи и конфиденциальной информации, а информация, передаваемая для взыскания задолженности третьим лицам не является частной информацией об Абоненте. | 6) дар ҳолати аз тарафи Муштарӣ пардохт нашудани Хизматҳои мувофики Шартномаи мазкур пешбинишуда, Оператор ҳуқуқи дидани чораҳои аз тарафи қонунгузории ҶТ пешбинишуда ва ситондани маблағи ӯҳдадориҳои иҷронакарда ва зарари расондашударо дорад. Оператор ҳуқуқ дорад, ки ба ситондани пардохт шахсони сеюмро ҷалб намояд, дар ин ҳолат ба онҳо пешниҳод шудани маълумоте, ки барои ситонидани пардохт лозим аст, ба сифати вайронкунии муқаррароти Шартномаи мазкур ва қонунгузории амалкунандаи ҶТ оид ба фош накардани сирри соҳаи алоқа ва маълумоти конфиденсиалӣ эътироф карда намешавад ва маълумоти ба шахсони сеюм додашаванда маълумоти хусусӣ оид ба Муштарӣ нест. |
| 7) Оператор вправе ограничить доступ телефонного номера Абонента в службу поддержки абонентов Оператора, если при обращении с таких телефонных номеров в службу поддержки абонентов, Оператором были зафиксированы случаи телефонного хулиганства, которые выражаются, включая, но не ограничиваясь, в оскорблении абонентами сотрудников службы поддержки абонентов Оператора, употреблении нецензурных слов и выражений, обращении не по существу вопроса оказания услуг по настоящему Договору, а также в иных действиях подобного характера. Оператор оставляет за собой право осуществления записи таких обращений. Оператор ограничивает доступ телефонного номера Абонента в службу поддержки абонентов сроком на 30 (тридцать) календарных дней, если с этого телефонного номера вышеописанные действия были совершены хотя бы 1 (один) раз. При повторном совершении, а также при совершении такого рода действий 2 (два) и более раза подряд, Оператор ограничивает доступ телефонного номера | 7) Оператор ҳуқуқ дорад, ки дастрасии рақами телефонии Муштариро ба ҳадамоти дастгирии муштариени Оператор маҳдуд созад, агар ҳангоми муроҷиат аз чунин ракамҳои телефонӣ ба ҳадамоти дастгирии муштариен, аз тарафи Оператор ҳолатҳое авбошии телефоние ба қайд гирифта шаванд, ки дар навбати худ, аз ҷумла ва бемаҳдудият, дар таҳқир кардани кормандони ҳадамоти дастгирии муштариени Оператор аз тарафи муштариен, истифодаи калимахо ва суханхои қабех, мурочиатхо берун аз асли хизматрасонӣ тибқи Шартномаи мазкур, инчунин дигар ҳаракатхои монанд изхори худро меебанд. Оператор ҳуқуқ дорад, ки чунин муроҷиатхоро сабт кунад. Оператор дастрасии рақами телефонии Муштариро ба ҳадамоти дастгирии муштариен ба муҳлати 30 (сӣ) рузи тақвимӣ махдуд месозад, агар харакатҳои дар боло овардашуда аз рақами телефонии мазкур аққалан 1 (як) бор содир шуда бошанд. Ҳангоми такроран, инчунин 2 (ду) ва зиеда маротиба содир кардани чунин харакатхо, Оператор дастрасии рақами телефонии муштариро ба ҳадамоти дастгирии |

| | |
|---|---|
| абонента в службу поддержки абонентов на весь срок оказания услуг по настоящему Договору. | муштариен ба тамоми муҳлати амали шартномаи мазкур маҳдуд месозад. |
| 8) в случае если в течение 90 (девяносто) дней подряд телефонный номер Абонента находился в состоянии неактивности (не было произведено никаких платных транзакций, исходящих/ входящих звонков, интернет сессий, исходящих SMS -сообщений), Оператор имеет право в одностороннем порядке изменять тарифный план неактивного Абонента, и взимать оплату за сохранение телефонного номера. | 8) агар дар давоми 90 рӯз пай дар пай рақами телефонии Муштарӣ дар ҳолати ғайрифаъол қарор дошта бошад (ягон амалиёти пулакӣ, зангҳои содиротӣ/воридотӣ, интернет сессияҳо, SMS-ҳои содиротӣ ба амал наомада бошад), он гоҳ Оператор ҳуқуқ дорад, ки якҷониба тарофаи Муштарии ғайрифаъолро тағйир диҳад ва барои нигоҳ доштани рақами телефонӣ ҳаққи хизматро ситонад. |
| 3.3. Заключая настоящий Договор Абонент соглашается на предоставление Оператором информации о неисполненных денежных обязательствах, а равно персональных данных должника, юридическим лицам, осуществляющим формирование, обработку, хранение и выдачу информации об исполнении должником принятых на себя договорных обязательств. | 3.3. Бо бастани Шартномаи мазкур Муштарӣ барои аз тарафи Оператор додани маълумот оид ба ӯҳдадориҳои пулии иҷронашуда ва дар баробари ин, оид ба додани маълумоти хусусӣ дар бораи шахси қарздор ба шахсони ҳуқуқие, ки ташаккул, коркард, ҳифз ва дода шудани маълумот оид ба иҷрокунии уҳдадориҳои шартномавии ба зиммаи худ гирифтаи қарздорро таъмин мекунанд, розигӣ медиҳад. |
| 3.4. В случае несогласия Абонента с предоставлением информации Оператором третьим лицам в соответствии с подпунктом 6) пункта 3.2. и пунктом 3.3. Договора, данные условия не распространяют свое действие на отношения сторон, при условии, что Абонент подпишет соответствующее заявление, которое будет являться неотъемлемой частью настоящего Договора. | 3.4. Дар ҳолати розӣ набудани Муштарӣ ба маълумотдиҳии Оператор ба шахсони сеюм тибқи зербанди 6)-уми банди 3.2. ва банди 3.3. Шартнома, амали ин шартҳо ба муносибати тарафҳо паҳн намешаванд, ба шарте, агар Муштарӣ аризаи дахлдорро, ки он қисми ҷудонопазири Шартномаи мазкур ба ҳисоб меравад, ба имзо расонад. |
| **4. Обязанности и права Абонента** | **4. Ӯҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои Муштарӣ** |
| 4.1. Абонент обязан: | 4.1. Муштарӣ ӯҳдадор аст: |
| 1) использовать только сертифицированное абонентское оборудование в соответствии с существующей инструкцией по его эксплуатации и с учетом особых распоряжений и правил, действующих на определенной территории (аэропорт, самолет и др.), а также ограничений в случаях возможного возникновения помех или опасной ситуации (медучреждения, станции техобслуживания, территории хранения и перегрузки топлива, места проведения взрывных работ и др.); | 1) танҳо таҷҳизоти сетификатсиякардашудаи абонентиро мувофиқи дастурамал оид ба истифодаи он ва бо назардошти дастурҳо ва қоидаҳои махсусе, ки дар ҳудуди муайян амал мекунанд (аэропорт, тайёра ва ғ.), ҳамчунин бо назардошти маҳдудиятҳо дар ҳолатҳои халалҳои имконпазир ва ё вазъияти хатарнок (муассисаҳои тиббӣ, истгоҳҳои хизматрасонии техникӣ, маҳалҳои ҳифз ва боркунии маводҳои сӯзанда, ҷойҳои гузарондани корҳои таркишӣ ва ғ.) истифода барад; |
| 2) в полном объеме и сроки, которые определены Договором и Тарифным планом, вносить плату за услуги; | 2) дар ҳаҷми пурра ва мӯҳлатҳои дар Шартнома ва Нақшаи тарифӣ муайяншуда пардохти хизматрасониҳоро анҷом диҳад; |
| 3) предоставить Оператору достоверные данные о банковских реквизитах, фактическом местонахождении и юридическом адресе или адресе регистрации, а также другие сведения, используемые в целях настоящего Договора. Письменно сообщать Оператору об изменениях фактических данных Абонента в 5-ти дневный срок с момента наступления изменений; | 3) ба Оператор маълумоти аниқро оид ба мушаххасоти бонкӣ, ҷойгиршавии воқеӣ ва суроғаи ҳуқуқии худ ва суроғаи бақайдгирӣ, ҳамчунин дигар маълумотҳоро мувофиқи мақсади Шартномаи мазкур пешниҳод намояд. Операторро ба таври хаттӣ оид ба тағйироти маълумоти воқеии Муштарӣ дар давоми 5 рӯз пас аз пайдо шудани тағйирот огоҳ намояд; |

| | |
|---|---|
| 4) не использовать телефонный номер для проведения лотерей, голосований, конкурсов, викторин, рекламы, опросов, массовых рассылок, установки шлюзов для доступа в сети фиксированной связи, интернет-телефонии и других мероприятий, приводящих к нарушению работоспособности оборудования и устройств связи, без предварительного письменного согласования с Оператором; | 4) рақами телефониро барои гузарондани лотереяҳо, овоздиҳӣ, озмунҳо, викторинаҳо, реклама, пурсишҳо, интиқолҳои оммавӣ, насби шлюзҳо барои дастрасёбӣ ба шабакаи алоқаи қайдшаванда, интернет-телефония ва дигар чорабиниҳое, ки ба халалдор шудани коршоямии таҷҳизот ва дастгоҳҳоии алока оварда мерасонанд, бе мувофиқаи пешакии хаттӣ бо Оператор истифода набарад; |
| 5) незамедлительно сообщать Оператору об утере SIM-карты и абонентского устройства; | 5) оид ба гум кардани SIM-корт ва таҷҳизоти абонентӣ бе таъхир ба Оператор хабар диҳад; |
| 6) не предоставлять SIM-карту третьим лицам, в том числе для снятия с нее информации, копирования информации, изготовления дубликатов SIM-карты и др. противоправных действий, а также обеспечить невозможность третьим лицам временного доступа к SIM-карте, который может повлечь осуществление указанных в настоящем пункте противоправных действий. | 6) SIM-кортро ба шахсони сеюм надиҳад, аз он ҷумла барои аз он гирифтани маълумот, нусхабардории он, тайёр кардани дубликатҳои SIM-корт ва дигар мақсадҳои ғайриқонунӣ, ҳамчунин имоннопазир будани дастрасии муваққатии шахсони сеюмро ба SIM-корт, ки ба содир шудани амалҳои ғайриқонунии дар банди мазкур номбурда оварда метавонанд, таъмин кунад; |
| 7) Не использовать Услуги связи Оператора, для противоправных действий, не причинять вред Оператору, другим Абонентам и/или третьим лицам с использованием Услуг Оператора. | 7) Хизматҳои алоқаи Операторро барои амалҳои ғайриқонунӣ истифода набарад, ба Оператор, дигар Муштариён ва/ё шахсони сеюм тавассути истифодаи Хизматҳои Оператор зарар нарасонад. |
| **4.2. Абонент имеет право:** | **4.2. Муштарӣ ҳуқуқ дорад:** |
| 1) использовать сеть связи Оператора для ведения радиотелефонных разговоров, для передачи информации техническими способами в соответствии с положениями настоящего Договора; | 1) шабакаи алоқаи Операторро барои бурдани сӯҳбатҳои радиотелефонӣ, барои интиқоли маълумот бо воситаҳои техникӣ аз рӯи шартҳои Шартномаи мазкур истифода барад; |
| 2) требовать необходимую и достоверную информацию об Операторе, режиме его работы и наборе оказываемых Оператором Услуг; | 2) маълумоти аниқ ва пурраро дар бораи Оператор, реҷаи кори вай ва номгӯи Хизматрасониҳои Оператор талаб намояд; |
| 3) совершать иные действия, предусмотренные действующим законодательством РТ. | 3) дигар амалҳоеро, ки аз тарафи қонунгузории амалкунандаи ҶТ пешбинӣ шудаанд, содир намояд. |
| **5. Цены (тарифы) на оказываемые Оператором Услуги** | **5. Нархҳо (тарифҳо/тарофаҳо) барои Хизматҳои Оператор** |
| 5.1. Тарифы на все виды услуг определяются Оператором самостоятельно и отражаются в тарифных планах. Перечень тарифных планов и набор дополнительных услуг содержатся на веб-сайте Оператора: www.zet-mobile.tj / www.zet-mobile.com и/или в соответствующих рекламно-информационных материалах. | 5.1. Тарифҳо барои ҳамаи намудҳои хизматрасонӣ аз тарафи Оператор мустақилона муайян гардида, дар нақшаҳои тарифӣ инъикос меёбанд. Номгӯи нақшаҳои тарифӣ ва хизматрасониҳои иловагӣ дар web-сомонаи Оператор www.zet-mobile.tj /www.zet-mobile.com ва/ё дар маводҳои иттилоотӣ-рекламавӣ пешбинӣ шудаанд. |
| 5.2. Продолжительность радиотелефонного соединения — это длина интервала времени с момента определения аппаратурой Оператора ответа вызываемой стороны до момента определения аппаратурой Оператора отбоя радиотелефонного соединения одной из сторон. | 5.2. Давомнокии пайвастшавии радиотелефонӣ — ин дарозии фосилаи вақт аз лаҳзаи бо таҷҳизоти Оператор муайян шудани ҷавоби тарафи даъватшаванда то лахзаи бо таҷҳизоти Оператор муайян кардани қатъ кардани пайвасти радителефонӣ бо яке аз тарафҳо |

| | |
|---|---|
| К абонентскому оборудованию, сигнал ответа которого приравнивается к ответу вызываемой стороны, относятся: | мебошад. Ба таҷҳизоти абонентие, ки сигнали ҷавобии он ба ҷавоби тарафи даъватшаванда баробар аст, дохил мешаванд: |
| 1) модем или факсимильный аппарат, работающие в режиме автоматического приема информации; | 1) модем ё дастгоҳи факсимилӣ, ки дар реҷаи қабули худ ба худи (автоматии) иттилоот кор мекунад; |
| 2) любое абонентское устройство, оборудованное автоответчиком; | 2) таҷҳизоти дилхоҳи абонентӣ, ки бо автоҷавобдиҳанда ҷиҳозонида шудааст; |
| 3) абонентское оборудование с автоматическим определителем номера; | 3) таҷҳизоти абонентӣ бо муайянкунандаи автоматии рақам; |
| 4) другое абонентское устройство, обеспечивающее (или имитирующее) возможность обмена информацией при отсутствии вызываемой стороны. | 4) дигар таҷҳизоти абонентӣ, ки имконияти доду гирифти маълумотро ҳангоми ҳузур надоштани тарафи даъватшаванда муайян мекунад (ё онро тақлид мекунад). |
| 5.3. Оператор вправе устанавливать размер единицы тарификации Услуг и порядок расчета неполной единицы тарификации. Единица тарификации устанавливается равной одной минуте, или равной иным единицам измерения определенных в Тарифах Оператора. Учет длительности радиотелефонного соединения ведется — при повременной системе тарификации — в соответствии с установленной Оператором единицей тарификации и округляется в ее пределах в большую сторону, а также ведется согласно иным условиям определенных в Тарифах Оператора. | 5.3. Оператор ҳуқуқ дорад, ки воҳиди тарофабандии хизмати алоқа ва тартиби ҳисобӣ кардани воҳиди нопурраи тарофабандиро муқаррар кунад. Воҳиди тарофабандӣ дар меъёри баробар ба як дақиқа, ё баробар ба дигар воҳидҳои ченак, ки дар тарифҳои Оператор муайян шудаанд, муқаррар карда мешавад. Ҳисобкунии давомнокии алоқаи радиотелефонӣ – ҳангоми мавҷуд будани низоми вақтии тарофабандӣ – мувофиқи воҳиди тарофабандии аз тарафи Оператор муайяншуда сурат гирифта, дар ҳудуди он ба тарафи зиёдшавӣ яклухт карда мешавад ва инчунин тибқи шартҳои дигари дар Тарифҳои Оператор муқарраршуда, амалӣ карда мешавад. |
| **6. Расчеты с Абонентом за оказанные Услуги связи** | **6. Ҳисоббаробаркунӣ бо Муштарӣ барои Хизматҳои расонидашуда** |
| 6.1. Оператор, оказывающий Услуги, ведет расчеты с Абонентом за эти услуги. К проведению расчетов Оператором могут привлекаться третьи лица. | 6.1. Операторе, ки Хизмат мерасонад, бо Муштарӣ барои ин хизматҳо ҳисоббаробаркуниро ба роҳ мемонад. Барои ба амал баровардани ҳисоббаробаркуниҳо Оператор шахсони сеюмро ҷалб карда метавонад. |
| 6.2. Цены за Услуги устанавливаются в Тарифах/ Тарифных планах Оператора. | 6.2. Нархҳо барои Хизматҳо дар Тарофаҳо/ Нақшаҳои тарофавии Оператор муқаррар карда мешаванд. |
| 6.3. Все платежи за оказанные Услуги ведутся в национальной валюте Республики Таджикистан. | 6.3. Ҳамаи пардохтҳо барои Хизматҳои расонидашуда бо асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешаванд. |
| 6.4. Расчеты за Услуги производятся на условиях предоплаты (авансовая система расчетов), при которой, Абонент имеет право пользоваться Услугами Оператора только при наличии на «электронном» счёте Абонента суммы, превышающей порог отключения, установленный Оператором. | 6.4. Ҳисоббаробаркунии Хизматҳо бо шарти пешпардохт (системаи ҳисоббаробаркунии пешпардохтӣ) амалӣ мегарданд, ки мувофиқи он, Муштарӣ ҳуқуқ дорад аз Хизматҳои Оператор танҳо дар ҳолати мавҷуд будани маблағ дар Ҳисоби «электронии» Муштарӣ, ки он зиёда аз меъёри қатънамоӣ, ки аз ҷониби Оператор муқаррар гардидааст, истифода намояд. |

| | |
|---|---|
| 6.4.1. Предоплата Услуг осуществляется путем внесения наличных денежных средств на «электронный» счёт Абонента или безналичных расчетов. | 6.4.1. Пешпардохти Хизматҳо бо роҳи ворид кардани пули нақдӣ ба ҳисоби «электронии» Муштарӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба амал бароварда мешавад. |
| 6.4.2. По мере пользования Услугами с «электронного» счета Абонента автоматически списываются соответствующие суммы, определяемые принятым тарифом оплаты. | 6.4.2. Ҳангоми истифодабарии Хизматҳо аз суратҳисоби «электронии» Муштарӣ маблағҳои дахлдоре, ки бо тарофаи қабулшудаи пардохт муайян карда мешаванд, ба таври автоматӣ соқит карда мешаванд. |
| 6.4.3. При исчерпании «условной суммы» на «электронном» счете, а также в том случае, если в течение 120 (сто двадцать) дней подряд не было ни одного списания средств с «электронного» счета Абонента (а для Абонентов, которым включена услуга по сохранению телефонного номера по истечении 30 календарных дней со дня последнего списания за сохранения номера), предоставление Услуг Абоненту прекращается, в том числе с прерыванием незаконченного разговора, либо может быть ограничено Оператором. | 6.4.3. Ҳангоми тамом шудани «маблағи шартӣ» дар суратҳисоби «электронӣ», ҳамчунин дар ҳолате, ки агар дар давоми 120 (яксаду бист) рӯз паиҳам (барои Муштариёне, ки хизматрасонии нигоҳ доштани рақами телефонӣ фаъол гардидааст, пас аз 30 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи ситонидани охирин барои нигоҳдории рақам) ягон соқиткунии маблағ аз суратҳисоби «электронии» Муштарӣ ба амал наомада бошад, он гоҳ Хизматрасонӣ ба Муштарӣ қатъ мегардад, аз ҷумла бо қатъ сӯҳбати нотамом, ё аз тарафи Оператор маҳдуд карда мешавад. |
| 6.4.4. Оператор вправе не прекращать/ не ограничивать предоставление Услуг и предоставлять в течение некоторого времени возможность пользоваться Услугами при снижении «условной суммы» ниже нулевой величины «электронного» счета. | 6.4.4. Оператор ҳуқуқ дорад, ки пешниходи Хизматрасониро қатъ/ маҳдуд накунад ва дар якчанд муддати муайян имконияти истифодаи Хизматҳоро ҳангоми паст будани «маблағи шартӣ» аз сатҳи сифрии суратҳисоби «электронӣ», фароҳам намояд. |
| 6.4.5. «Условная сумма», оставшаяся на «электронном» счете при прекращении/ ограничении оказания Услуг по основаниям, предусмотренным п. 6.4.4. настоящего Договора, сохраняется на счете и прибавляется к вновь зачисленной «условной сумме» при условии внесения наличных денежных средств на «электронный» счет абонента до истечения 90 дней с момента прекращения/ ограничения предоставления услуг связи. | 6.4.5. «Маблағи шартии» дар суратҳисоби «электронӣ» боқимонда, ҳангоми қатъ/ маҳдуд гардидани Хизматрасониҳо бо сабабҳои дар банди 6.4.4.-и Шартномаи мазкур пешбинишуда дар суратҳисоб нигоҳ дошта мешавад ва ба «маблағи шартии» нав воридшуда илова мегардад, ба шарте, агар маблағи пулӣ ба суратҳисоби «электронии» Муштарӣ то тамом шудани 90 рӯз аз лаҳзаи қатъ/ маҳдуд гардидани хизматрасонии алоқа ворид карда шуда бошад. |
| 6.4.6. Если до истечения указанных 120 дней Абонентом (для Абонентов, которым включена услуга по сохранению телефонного номера по истечении 30 календарных дней со дня последнего списания за сохранения номера) не внесены наличные денежные средства на «электронный» счет абонента, Договор считается Сторонами расторгнутым в порядке, определенном настоящим Договором. | 6.4.6. Агар то тамом шудани 120 рӯз (барои Муштариёне, ки хизматрасонии нигоҳ доштани рақами телефонӣ фаъол гардидааст, пас аз 30 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи ситонидани охирин барои нигоҳдории рақам) Муштарӣ маблағи пулиро ба суратҳисоби «электронии» худ ворид накарда бошад, он гоҳ Шартнома аз ҷониби Тарафҳо бо тартиби бо Шартномаи мазкур муайяншуда бекоршуда ҳисоб меёбад. |
| 6.4.7. По истечении указанного периода – 120 дней Абонент может восстановить предоставление Услуг только посредством обращения Оператору и после оплаты предоставления доступа к сети связи и | 6.4.7. Пас аз анҷомёбии давраи мазкур – 120 рӯз Муштарӣ метавонад танҳо тавассути муроҷиат ба Оператор ва пас аз пардохт намудани додани дастрасӣ ба шабакаи алоқа ва дигар расмиятҳои вобаста, Хизматрасониро барқарор намояд; |

| | |
|---|---|
| связанных с ним процедур; при этом Абоненту не может быть гарантировано сохранение за ним его телефонного номера. | ҳамзамон, ба Муштарӣ нигоҳдошташавии рақами телефонии вай кафолат дода шуда наметавонад. |
| 6.4.8. Абонент обязан не позднее 25 дней с момента выставления счета оплатить выставленные дополнительные счета за Услуги (задолженность за оказанные услуги связи, платная справка третьих лиц и др.), которые не представляется возможным оплатить из денежных средств, уже внесенных Абонентом. | 6.4.8. Муштарӣ уҳдадор аст на дертар аз 25 рӯз аз лаҳзаи пешниҳод шудани ҳисобнома ҳамаи ҳисобномаҳои иловагиро барои Хизматҳо (қарзи хизматрасонии алоқа, маълумоти пулакии шахсони сеюм ва ғ.), ки онҳоро аз ҳисоби маблағҳои пештар супоридаи Муштарӣ пардохт кардан ғайриимконпазир аст, пардохт намояд. |
| 6.5. Оператор вправе установить для Абонента постоплатную систему расчетов (отложенный платеж) и/или предоставить Тарифный план/ услуги с постоплатной системой расчетов, условия которых определяются Оператором. | 6.5. Оператор ҳуқуқ дорад барои Муштарӣ низоми ҳисоббаробаркуниҳои паспардохтро (пардохти минбаъда) муқаррар намояд ва/ё Нақшаи тарифӣ/хизматрасонӣ бо низоми ҳисоббаробаркуниҳои паспардохт пешниҳод намояд, ки шартҳои онҳо аз ҷониби Оператор муайян карда мешаванд. |
| **7. Ответственность сторон** | **7. Ҷавобгарии тарафҳо** |
| 7.1. За неисполнение или ненадлежащее исполнение обязательств, вытекающих из настоящего Договора, стороны несут ответственность в соответствии с действующим законодательством Республики Таджикистан и настоящим Договором. | 7.1. Барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳое, ки дар Шартномаи мазкур муқаррар гардидаанд, Тарафҳо мутобиқи конунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шартномаи мазкур ҷавобгар мебошанд. |
| 7.2. Виновная сторона несёт ответственность только за прямые убытки, причинённые другой стороне. Косвенные убытки, возмещению не подлежат. | 7.2. Тарафи гунаҳкор танҳо барои зарарҳои бевоситае, ки ба ҷониби дигар расонида шудаанд, масъулиятро ба зимма мегирад. Зарарҳои ғайримустақим ҷуброн карда намешаванд. |
| 7.3. Оператор освобождается от ответственности, если неисполнение или ненадлежащее исполнение им обязательств возникло вследствие обстоятельств непреодолимой силы (пожар, стихийные бедствия, военные действия, эпидемии, актов органов государственной власти и управления и др.) или нарушения Абонентом установленных настоящим Договором положений по оказанию услуг связи, а также в случае добровольного отказа Абонента от услуг Оператора. | 7.3. Оператор аз ҷавобгарӣ озод мегардад, агар иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳо дар натиҷаи ҳолатҳои қувваи рафънопазир (сӯхтор, офатҳои табиӣ, амалиёти ҳарбӣ, эпидемияҳо, санадхои мақомотҳои ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва ғ.) ба амал омадааст ва ё дар натиҷаи аз тарафи Муштарӣ вайрон кардани муқарраротоид ба хизматрасонии алоқа, ки дар Шартномаи мазкур пешбинӣ шудааст, инчунин ҳангоми аз хизматрасонии Оператор ихтиёран даст кашидани Муштарӣ ба миён омадааст. |
| 7.4. Оператор не несет ответственность за возможное ухудшение или прекращение работы сети, связанное с использованием поврежденного или неисправного абонентского терминала, а также оконечного оборудования, не имеющего сертификата на соответствие требованиям безопасности, если наличие такового требуется согласно законодательству Республики Таджикистан, либо абонентского оборудования, которое было изменено или модифицировано без согласия с | 7.4. Оператор барои эҳтимолан бадтар гардидани сифат ё қатъи кори шабака, ки дар натиҷаи истифодабарии таҷҳизоти абонентии вайрон ё носоз, ё таҷҳизоти ниҳоӣ, ки сертификати мутобиқати ба талаботи бехатариро, ки доштани онро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, надорад ё дар натиҷаи истифодабарии таҷҳизоти абонентӣ, ки бидуни розигии истеҳсолкунанда тағйир ё дигаргун шудааст, ба миён омадааст, ҷавобгар намебошад. Оператор |

| | |
|---|---|
| производителем. Оператор не несет ответственность за качество предоставляемых третьими лицами дополнительных и иных услуг, технологически неразрывно связанных с услугами связи. | барои сифати хизматрасониҳои иловагие, ки аз ҷониби шахсони сеюм расонида мешавад ва аз ҷиҳати технологӣ бо хизматрасониҳои алоқа зич алоқамананд, ҷавобгар нест. |
| 7.5. Оператор не несет ответственность за недоступность отдельных узлов или ресурсов глобальной сети Интернет, администрируемых третьими лицами. Случаи такой недоступности не являются перерывами связи или неисправностями. | 7.5. Оператор барои дастнорасии қисмҳо ва захираҳои алоҳидаи шабакаи глобалии Интернет, ки аз ҷониби шахсони сеюм идора карда мешаванд, ҷавобгар нест. Ҳолатҳои чунин дастнорасиҳо норасоиҳо ва носозиҳои алоқа намебошанд. |
| 7.6. В случае неисполнения или ненадлежащего исполнения своих обязательств, предусмотренных настоящим Договором, Абонент несет ответственность перед Оператором и обязан возместить Оператору в полном объеме убытки, а также вред, причиненный имуществу Оператора. | 7.6. Дар ҳолати иҷро накардан ва ё номатлуб иҷро кардани ӯҳдадориҳои худ, ки дар Шартномаи мазкур пешбинӣ шудаанд, Муштарӣ дар назди Оператор ҷавобгар буда, уҳдадор аст, ки андозаи пурраи зарар, инчунин зиёни ба моликияти Оператор расондашударо ба Оператор ҷуброн намояд. |
| 7.7. В случае нарушения сроков оплаты, Абонент обязуется выплатить неустойку (пени) в размере 0,2% от суммы просрочки, за каждый день просрочки. | 7.7. Барои вайрон намудани муҳлатҳои пардохт Муштарӣ уҳдадор аст, ки ноустуворонаро (пеняро) ба андозаи 0,2% аз маблағи ба таъхир гузоштошуда, барои ҳар як рӯзи муҳлатгузаронӣ пардохт намояд. |
| 7.8. При утере, краже или в иных случаях отсутствия у Абонента абонентского оборудования Абонент несет обязательства по оплате оказанных Услуг, связанных с использованием этого абонентского оборудования, вплоть до момента получения Оператором от Абонента письменного заявления о прекращении обслуживания данного абонентского оборудования. | 7.8. Ҳангоми гум шудан, дуздида шудан ва рух додани дигар ҳодисаҳое, ки боиси дар дасти Муштарӣ набудани таҷҳизоти абонентӣ шуда метавонанд, Муштарӣ ухдадор аст, ки то лаҳзаи ба Оператор пешниҳод кардани аризаи хаттии Муштарӣ оид ба қатъ намудани хизматрасонии таҷҳизоти абонентии мазкур, арзиши хизматрасониҳое, ки ба истифодабарии таҷҳизоти абонентии мазкур алоқамананд, пурра пардохт намояд. |
| **8. Прочие условия** | **8. Шартҳои дигар** |
| 8.1. Предоставляемая Оператором радиотелефонная связь в силу естественных условий распространения радиоволн может ухудшаться, прерываться или сопровождаться помехами вблизи зданий, в туннелях, в подвалах и других подземных сооружениях, из-за локальных особенностей рельефа и застройки, метеорологических условий и иных причин. | 8.1. Алоқаи радиотелефонии аз тарафи Оператор пешниҳодшаванда бо сабаби шароити табиии паҳншавии радиомавҷҳо бад шуда, канда шуда ва ё дар назди бинову иншоотҳо, нақбҳо, таҳхонаҳо ва дигар иншоотҳои зеризаминӣ бо сабаби хусусиятҳои релеф ва сохтмон, бо сабабҳои метеорологӣ ва дигар сабабҳо халалдор шуда метавонад. |
| 8.2. Предоставляемая Абоненту сотовая радиотелефонная связь в силу конструктивных особенностей сети зависит от качества оборудования Операторов местных проводных телефонных линий, оборудования операторов международной и междугородной связи, которое находится вне компетенции Оператора. | 8.2. Алоқаи радиотелефонии кандуии ба Муштарӣ расондашаванда бинобар ба хусусиятҳои конструктивии шабака аз сифати кори таҷҳизоти Операторони шабакаҳои маҳаллии телефонӣ, таҷҳизоти Операторони алоқаи байналхалқӣ ва байнишаҳрӣ, ки ба салоҳияти Оператор дохил нест, вобаста аст. |
| 8.3. Все споры и разногласия по вопросам, связанным с оказанием Услуг, разрешаются сторонами в соответствии с действующим | 8.3. Тамоми баҳсҳо ва ихтилофҳо оид ба Хизматрасониро Тарафҳо мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии |

| | |
|---|---|
| законодательством Республики Таджикистан и условиями настоящего Договора. Разногласия, по которым стороны не достигнут договоренности, подлежат рассмотрению в судебных органах по месту нахождения Оператора. | Тоҷикистон ва шартҳои Шартномаи мазкур ҳал мекунанд. Ихтилофҳое, ки оиди онҳо тарафҳо ба созиш наомадаанд, дар мақомотҳои судии маҳалли ҷойгиршавии Оператор баррасӣ мегарданд. |
| 8.4. Взаимоотношения Оператора с Абонентом, возникающие при оказании услуг связи на территории Республики Таджикистан, осуществляются на государственном и русском языках, включая обмен короткими текстовыми сообщениями. Абонент подтверждает соответствие своего оконечного оборудования данному требованию, и не будет предъявлять Оператору претензий вследствие неполучения информации из-за использования абонентского терминала, не обеспечивающего обмен сообщениями на государственном и/или русском языке, в том числе и в случае передачи сообщений на указанных языках с использованием латинского шрифта. | 8.4. Муносибатҳои Оператор ва Муштарӣ, ки ҳангоми дастраскунии хизматҳо, аз ҷумла ҳангоми мубодилаи хабарҳои кутоҳ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд, бо забони давлатӣ ва русӣ ба роҳ монда мешаванд. Муштарӣ тасдиқ менамояд, ки таҷҳизоти ниҳоие, ки он истифода мебарад, ба талаботи мазкур ҷавобгӯй аст ва Муштарӣ ба Оператор оиди нагирифтани иттилоот бинобар сабаби истифодабарии таҷҳизоти абонентӣ, ки мубодилаи хабарҳоро бо забони давлатӣ ва/ё русӣ таъмин наменамояд, инчунин ҳангоми мубодилаи хабарҳо бо забонҳои мазкур бо истифодабарии ҳуруфоти лотинӣ, даъво намекунад. |
| 8.5. Абоненту предоставляется возможность получения абонентской корреспонденции по каналам телефонной и электронной связи. Предоставлением электронного адреса, номера факса Абонент подтверждает свое согласие на передачу корреспонденции через открытые каналы связи (Интернет, факс). | 8.5. Ба Муштарӣ имконияти гирифтани мукотибаи абонентӣ тавассути каналҳои алоқаи телефонӣ ва электронӣ дода мешавад. Бо пешниҳоди суроғаи электронӣ ва рақами факс Муштарӣ розигии худро барои интиқоли мукотиба тавассути каналҳои кушодаи алоқа (Интернет, факс) медиҳад. |
| 8.6. В случае использования абонентского устройства с номером Абонента для телефонного сообщения с угрозами террористического характера номер Абонента блокируется (отключается). Соответствующие материалы передаются Оператором в правоохранительные органы для привлечения виновных лиц к ответственности. | 8.6. Дар ҳолати истифодаи таҷҳизоти абонентӣ бо рақами Муштарӣ барои расондани маълумоти телефонии таҳдиди хусусияти террористӣ дошта, ин рақам баста мешавад (хомӯш мегардад). Маводи дахлдорро Оператор ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор интиқол медиҳад. |
| 8.7. Подписанием настоящего Договора (равно как и выражением своего согласия с изменениями условий настоящего Договора в порядке, предусмотренном подпунктом 1) пункта 3.2. настоящего Договора), Абонент выражает согласие предоставить свои персональные данные и дает согласие Оператору на их обработку и трансграничную передачу свободно, своей волей и в своем интересе со следующей целью обработки персональных данных:<br>- для предоставления доступа к услугам связи, оказываемым Оператором; для предоставления доступа к услугам связи и/или иным услугам, неразрывно связанным с услугами связи, равно как и дополнительным услугам, оказываемыемым другими операторами связи | 8.7. Бо бастани Шарномаи мазкур (инчунин ба тариқи изҳори розигии худ бо тағйироти шартҳои Шартномаи мазкур бо тартиби бо зербанди 1) банди 3.2. Шартномаи мазкур пешбинишуда), Муштарӣ розигии худро оиди додани маълумоти шахсии худ ба Оператор изҳор менамояд ва ба Оператор розигии худро оиди коркард намудани чунин маълумот ва интиқоли он берун аз сарҳад, озодона бо хоҳиши худ ва барои мақсадҳои зерин баён менамояд:<br>- барои таъмин намудани дастраси ба хизматрасониҳои алоқа, ки аз ҷониби Оператор пешниҳод мешаванд; барои таъмин намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои алоқа ва/ё дигар хизматрасониҳо, ки бо хизматрасониҳои алоқа зич алоқаманданд, инчунин хизматрасониҳои |

| | |
|---|---|
| и/или третьими лицами; для предоставления сведений для оказания и об оказании таких услуг; для использования сведений об абоненте в системе информационно-справочного обслуживания; для передачи третьим лицам, осуществляющим в соответствии с законодательством Республики Таджикистан формирование, обработку, хранение и выдачу информации об исполнении должником принятых на себя договорных обязательств, а также в иных целях, неразрывно связанных с исполнением Договора, в случаях, когда необходимость получения такого согласия предусмотрена законодательством Республики Таджикистан. | иловагие, ки аз ҷониби операторони ғайр ва/ё шахсони сеюм пешниҳод мешаванд; барои пешниҳоди маълумот барои дастрас намудан ва оид ба чунин хизматрасониҳо; барои истифода дар низоми хизматрасонии иттилоотӣ-ахборотӣ; барои додан ба шахсони сеюм, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул, коркард, нигоҳдорӣ ва пешниҳоди иттилоотро оиди аз ҷониби қарздор иҷро намудани уҳдадориҳои шартномавии худ ба роҳ мондаанд ва инчунин бо дигар мақсадҳо, ки бевосита бо иҷрокунии шартномаи мазкур алоқаманд мебошанд, дар ҳолатҳое, агар гирифтани чунин розигӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст. |
| 8.7.1. Перечень персональных данных, на обработку которых дается согласие Абонента:<br>- фамилия; имя; отчество; дата рождения; адрес; паспортные данные: а) вид документа; б) серия и номер документа; в) орган, выдавший документ: - наименование; г) дата выдачи документа; номер контактного телефона; адрес электронной почты; иная непубличная информация, связанная с такими персональными данными (аналитические данные, общая демографическая информация и т.д.), которая в отдельности не обязательно позволяет идентифицировать лицо. | 8.7.1. Номгуи маълумоти шахсие, ки барои коркарди он Муштарӣ розигии худро изҳор менамояд:<br>- ном, насаб, номи падар; санаи таваллуд; суроға; маълумоти шиносномавӣ: а) намуди ҳуҷҷат; б) силсила ва рақами ҳуҷҷат; в) мақомоте, ки ҳуҷҷатро додааст – номгуи он; санаи додани ҳуҷҷат; рақами телефони тамос; суроғаи почтаи электронӣ; дигар иттилооти ғайриоммавӣ, ки бо чунин маълумоти шахсӣ алоқаманд аст (додаҳои таҳлилӣ, иттилооти умумии демографӣ ва ғайра) ва дар алоҳидагӣ на ҳамеша имконият медиҳад, ки шахсият муайян шавад. |
| 8.7.2. Перечень действий с персональными данными, на совершение которых Абонентом дается согласие, общее описание используемых оператором способов обработки персональных данных: | 8.7.2. Номгуи амалиётҳо бо маълумоти шахсӣ, ки барои коркарди он Муштарӣ розигии худро изҳор менамояд, тавсифи умумии усулҳое, ки аз ҷониби оператор барои коркарди маълумоти шахсӣ истифода бурда мешаванд: |
| - обработка вышеуказанных персональных данных будет осуществляться путем смешанной обработки персональных данных (сбор, систематизация, накопление, хранение, уточнение (обновление, изменение использования, распространение), в том числе передача), обезличивание, блокирование, уничтожение персональных данных. | - коркарди маълумоти шахсии дар боло овардашуда ба тариқи коркарди омехтаи маълумоти шахсӣ ба роҳ монда мешавад (бадастоварӣ, батартибдарорӣ, ҷамъкунӣ, нигоҳдорӣ, аниқкунӣ (навкунӣ, тағйирдиҳии истифода, паҳнкунӣ), инчунин додани он), бехусусияткунӣ, бандкунӣ (блокировка), нобудкунии маълумоти шахсӣ. |
| 8.7.3. Срок, в течение которого действует согласие Абонента, а также способ его отзыва, если иное не установлено законодательством Республики Таджикистан:<br>- срок действия настоящего согласия – в течение срока действия Договора на предоставление услуг связи и по истечении 3 (трех) лет с момента его прекращения. | 8.7.3. Мухлате, ки дар давоми он розигии муштарӣ амал мекунад, инчунин усули бозхонди розигӣ, агар дигаре бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашуда бошад:<br>- муҳлати амали розигии мазкур – дар давоми муҳлати амали Шартнома оид ба хизматрасонии алоқа ва дар давоми 3 (се) сол аз лаҳзаи қатъ намудани он. |
| - согласие может быть отозвано Абонентом путем письменного обращения к Оператору, получающему такое согласие. | - розигӣ ба тариқи пешниҳод намудани аризаи хаттии Муштарӣ ба Оператор, ки чунин розигиро гирифтааст, метавонад бозхонда |

| | |
|---|---|
| | шавад. |
| 8.8. Заключая настоящий Договор, Абонент дает согласие Оператору на получение от Оператора коротких текстовых сообщений с информацией рекламного характера о деятельности Оператора, ее тарифах и услугах; на получение рекламной информации, распространяемой по сети третьими лицами на договорной основе с Оператором; сообщений от государственных органов Республики Таджикистан; сообщений о чрезвычайных ситуациях природного и техногенного характера. | 8.8. Бо бастани Шартномаи мазкур Муштарӣ розигии худро ба Оператор ба он медиҳад, ки аз Оператор хабарҳои кутоҳи хаттиро бо иттилооти хусусияти таблиғотӣ оид ба тарифҳо ва хизматрасониҳои он гирад; иттилооти таблиғотиро, ки аз ҷониби шахсони сеюм тибқи шартнома бо Оператор дар шабакаи он паҳн мешавад, гирад; хабарҳоро аз мақомотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирад; хабарҳоро оиди ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ. |
| 8.8.1. Абонент уведомлен о том, что в любой момент может отказаться от получения сообщений, указанных выше путём предоставления письменного заявления в офисы продаж и обслуживания Оператора. Исключение из списка рассылки будет осуществлено в течение 5 (пяти) рабочих дней с момента получения письменного отказа. При этом Абонент понимает, что отказ от рассылок Оператора может повлечь невозможность получения коротких текстовых сообщений в целом, за исключением вышеуказанных сообщений государственных органов. | 8.8.1. Муштарӣ огоҳонида шудааст, ки дар ҳамагуна лаҳза ӯ метавонад аз гирифтани хабарҳои болозикр ба тариқи мурoҷиат бо аризаи хаттӣ ба марказҳои харид ва хизматрасонии Оператор даст кашад. Сокит кардан аз феҳристи хабарирсолкунӣ дар давоми 5 (панҷ) рузи корӣ аз лаҳзаи гирифтани аризаи хаттӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳамзамон, Муштарӣ дарк мекунад, ки дасткашӣ аз хабарирсолкунии Оператор метавонад ба имконнопазирии гирифтани хабарҳои кутоҳ умуман оварда расонад, ба истиснои хабарҳои болозикре, ки аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ ирсол шудаанд. |
| 8.9. Все Приложения, дополнения, изменения, дополнительные соглашения, подписываемые Сторонами как при заключении настоящего Договора, так и во время его действия, являются неотъемлемыми частями настоящего Договора. | 8.9. Ҳамаи Замимаҳо, иловаҳо, созишномаҳои иловагие, ки онҳоро Тарафҳо чи дар вақти бастани Шартномаи мазкур, ва чи дар вақти амали он ба имзо расондаанд, қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур мебошанд. |
| 8.10. Учетные данные Оператора:<br>Общество с ограниченной ответственностью «ТАКОМ»,<br>Лицензии Службы связи при Правительстве РТ №19-507-ЧТ, №20-592-ЧТ, №20-706-ЧТ,<br><br>г.Душанбе, ул. С.Айнӣ 48, БЦ «Созидание»<br>ИНН: 020107048<br>Банк: ОАО «Ориёнбанк»,<br>г.Душанбе<br>Р. счет: 20202972101002007858<br>Кор.с. 20402972413691<br>БИК 351010369 | 8.10. Маълумоти қайдии Оператор:<br>Ҷамъияти дорои масъулияташ махдуди «ТАКОМ»,<br>Иҷозатномахои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ №19-507-ҶТ, №20-592-ҶТ, №20-706-ҶТ,<br>ш.Душанбе, к. С.Айнӣ 48, МТ «Созидание»<br>РМА: 020107048<br>Бонк: ЧСК «Ориёнбанк»,<br>ш. Душанбе<br>С-х: 20202972101002007858<br>С/м. 20402972413691<br>РМБ 351010369 |